Продовольственная и сельскохозяйственная организация
Объединенных Наций

Барномаи Созмони озуқа ва кишоварзии СММ (ФАО) оид ба беҳтар намудани муборизаи миллӣ ва минтақавӣ бар зидди малах дар кишварҳои Қафқоз ва Осиёи Марказӣ

# ЧОРАҲОИ БЕХАТАРӢ ҲАНГОМИ АНҶОМ ДОДАНИ АМАЛИЁТИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ МАЛАХ

20  18



## МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ МАЛАХ

Малах метавонад ба зироатҳои кишоварзӣ ва чарогоҳҳо зарари ҷиддӣ расонад. Аз ин лиҳоз, барои боздории зиёдшавии ҷамъии малах ва ба ҳадди ақал расонидани зарари он ба зироатҳои кишоварзӣ ва чарогоҳҳо, бар зидди малах мубориза анҷом дода мешавад. Мубориза бар зидди малах асосан бо истифода аз пеститсидҳои химиявӣ амалӣ карда мешавад. Мутахассисони соҳа ва коргарон оид ба истифодаи дурусти чунин маводи химиявии заҳрнок, инчунин пешгирӣ намудани таъсири манфии он ба одамон ва муҳити зист омӯзиши муносиб дидаанд. Аз ҷумла, огоҳсозии аҳолии маҳал оид ба амалиёти муборизаи аз пеш ба нақша гирифташуда бар зиддӣ малахро дар бар мегирад.

Зимнан, бо сабаби он, ки асосан пеститсидҳои химиявии зидди ҳашарот истифода мешаванд, ба хотири ба ҳадди ақал расонидани таъсири манфӣ ба саломатии одамон ва муҳити зист, чораҳои эҳтиётӣ бояд рӯйи даст гирифта шаванд. Дар ин тақвим маслиҳатҳои амалӣ оид ба чораҳои бехатарӣ, ки бояд аз ҷониби сокинони маҳал, деҳқонон, чӯпонҳо, занбӯри асалпараварон ва мақомоти маҳал то замони оғози амалиёти мубориза бар зидди малах, дар ҷараёнӣ он ва баъд аз анҷоми он андешида шаванд, дарҷ гардидаанд.

# Январ 2018

| Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
| 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 |
| 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 |
| 29 | 30 | 31 | | | | |
| | | | | | | |

# Феврал 2018

| Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
| 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 |
| 26 | 27 | 28 | | | | |
| | | | | | | |




## НАЗДИК НАШАВЕД

Аз рӯйи қоида, амалиёти мубориза бар зидди малах дур аз деҳот, фермаҳои чорводорӣ ва дигар маҳалҳои зисту зиндагии одамон анҷом дода мешавад. Зимнан, дар баъзе ҳолатҳо эҳтимол дорад, ки истифодаи инсектитсидҳо дар наздикии маҳалли зисту зиндагии одамон низ лозим шавад. Аз ин рӯ, ҳангоми амалиёти мубориза ва ё давраи муайяне баъд аз анҷоми он, шумо набояд ба майдонҳои коркардшуда наздик шавед.

Бо эҳтиёт бошед! Худ ва аъзоёни оилаатонро аз таъсири пеститсидҳо эмин нигоҳ доред!

Дастурҳои гурӯҳи операторон ва/ё мақомоти маҳалро риоя кунед. Аз маҳалли коркард, ки дар он инсектитсидҳо истифода мешаванд, масофа гиред, то ин ки аз таъсири қатраҳои пошхӯрда дар амон бимонед! Агар шумо аз гурӯҳи операторон ё мақомоти маҳал дастур гирифтед, чоҳҳо ё манбаҳои оби нӯшокии дар деҳа ё дар паҳлуи хона бударо бо брезент пӯшонед. Ба майдонҳои коркардшуда дар давоми ҳадди ақал то 48 соати баъд аз коркард ворид нашавед.

# Март 2018

| Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
| 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 |
| 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | |
| | | | | | | |

# Апрел 2018

| Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1 |
| 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 |
| 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 |
| 30 | | | | | | |



## ДАВРАИ ПЕШ АЗ ҲОСИЛҒУНДОРИРО РИОЯ НАМОЕД

**Баъзан амалиёти мубориза бар зидди малах бояд дар майдонҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ сурат гирад. Агар майдонҳои шумо бо истифода аз пеститсидҳо коркард шуда бошанд, шумо қабл аз он ки ҳосилатонро ҷамъ намоед, бояд шумораи ҳадди ақали рӯз мунтазир бимонед. Инро давраи пеш аз ҳосилғундорӣ меноманд. Агар шумо давраи пеш аз ҳосилғундориро риоя намоед, пасмондаҳои пеститсидҳо дар зироат барои истеъмол хатаре нахоҳанд дошт.**

**Мутахассисони соҳа ва коргароне, ки дар ҷараёни амалиёти мубориза иштирок мекунанд, ё мушовирон оид ба масъалаҳои кишоварзӣ метавонанд ба шумо дар бораи давомнокии давраи пеш аз ҳосилғундорӣ, ки вобаста ба инсектитсидҳои истифодашуда метавонанд фарқ кунад, маълумот диҳанд.**

**Тавре амал намоед, ки хӯроки мо бехатар боқӣ монад: давраи пеш аз ҳосилғундориро риоя намоед!**

# Май 2018

| Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 |
| 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 |
| 28 | 29 | 30 | 31 | | | |
| | | | | | | |

# Июн 2018

| Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 1 | 2 | 3 |
| 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 |
| 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 |
| 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | |
| | | | | | | |



## ДАВРАИ МАНЪИ ЧАРОНИДАНИ ЧОРВОРО РИОЯ НАМОЕД

Амалиёти мубориза бар зидди малах дар аксар маврид дар чарогоҳҳо анҷом дода мешавад. Агар чорвои хонагии шумо дар чарогоҳ ё наздикии маҳалле, ки бо истифода аз инсектитсидҳо коркард шудаанд чаронида шавад, шумо бояд шумораи ҳадди ақали рӯз мунтазир бимонед, қабл аз он, ки шумо чорворо ба майдонҳои коркардшуда тавонед дубора роҳ диҳед. Инро давраи манъи чаронидани чорво меноманд. Агар шумо давраи манъи чаронидани чорворо риоя намоед, боқимондаҳои пеститсидҳо дар рӯйи алаф на барои чорвои хонагии шумо ва на барои истеъмолкунандагоне, ки шир ва гӯшти чорвои шуморо истеъмол мекунанд, хатар нахоҳанд дошт.

Мутахассисони соҳа ва коргароне, ки дар ҷараёни амалиёти мубориза иштирок мекунанд, ё мушовирон оид ба масъалаҳои кишоварзӣ метавонанд ба шумо дар бораи давомнокии давраи манъи чаронидани чорво, ки вобаста ба инсектитсидҳои истифодашуда метавонанд фарқ кунад, маълумот диҳанд.

Тавре амал намоед, ки хӯроки мо бехатар боқӣ монад: давраи манъи чаронидани чорворо риоя намоед!

## Июл 2018

| Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1 |
| 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 |
| 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 |
| 30 | 31 | | | | | |

## Август 2018

| Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | | |
| | | | | | | |



## ЗАРФҲОИ АЗ ПЕСТИТСИДҲО ХОЛИШУДАРО ДУБОРА ИСТИФОДА НАБАРЕД

Зарфҳои аз пеститсидҳо холишуда барои нигаҳдории маводи хӯрока, равғани хӯрокпазӣ ё оби ошомиданӣ метавонад ба назар муносиб намояд. Зимнан боқимондаҳои пеститсидҳо ҳамеша дар зарф, ҳатто баъд аз шустушӯи он боқӣ мемонанд. Аз ин хотир, истифодаи зарфи аз пеститсидҳо холишуда барои нигоҳдории маҳсулоти хӯрока ё нӯшобаҳо ба саломатии шумо хатарнок аст. Ба суханони одамоне, ки ба шумо мегӯянд, истифодаи зарфи аз пеститсидҳо холишуда то ҳадди кофӣ барои истифодаи минбаъдаи такрорӣ метавонад тоза карда шавад, бовар накунед: ин тавр нест! Ҳеҷ гоҳ чунин зарфҳоро такроран истифода набаред!

Агар шумо зарфи аз пеститсидҳо холишударо дар наздикии майдони кишт ё хонаатон ошкор намудед, онро ба идораи мақомоти дахлдори соҳаи кишоварзӣ дар маҳалли зистатон баргардонед, то ки он ба таври дуруст безарар ва нобуд карда шавад.

Саломатии оилаи худро муҳофизат намоед: зарфи аз пеститсидҳо холишударо такроран истифода набаред!

## Сентябр 2018

| Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 1 | 2 |
| 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 |
| 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| | | | | | | |

## Октябр 2018

| Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
| 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 |
| 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 |
| 29 | 30 | 31 | | | | |
| | | | | | | |



## ЗАНБӮРҲОРО МУҲОФИЗАТ НАМОЕД

Инсектитсидҳои химиявӣ, ки бар зидди малах истифода мешаванд, барои занбӯрҳо заҳрнок мебошанд. Аз ин рӯ, берун бурдани занбӯри асал аз майдоне, ки коркард мешавад, муҳим аст, бахусус вақте ки растаниҳо гул мекунанд. Маъмулан масофаи 3-5 км ҳадди бехатар ба шумор меравад. Шумо бояд ҳадди ақал як ҳафта мунтазир бимонед, қабл аз он, ки занбӯрро дубора ба қитъаи наздики майдонҳои коркардшуда баргардонида тавонед.

Агар шумо занбӯри асалпаравар бошед, ҳатман дастури кормандонро, ки дар чараёни амалиёти мубориза иштирок мекунанд, риоя намоед. Агар шумо шоҳиди он шавед, ки мубориза бар зидди малах дар наздикӣ анҷом дода мешавад, ба коргароне, ки дар чараёни коркард шомиланд, ё ба мақомоти маҳаллӣ муроҷиат намоед, то ин ки барои худ маълум намоед, оё ба ҷойи дигар кӯчонидани занбӯри асал зарурат дорад ё не.

Занбӯри асал барои гардолудсозии зироат ва истеҳсоли асал муҳим мебошад: тавре амал намоед, ки онҳо аз инсектитсидҳо эмин бимонанд!

# Ноябр 2018

| Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
| 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 |
| 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | | |
| | | | | | | |

# Декабр 2018

| Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 1 | 2 |
| 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 |
| 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | | | | | | |

**Бо дастгирии молиявии:**

From
the People of Japan

JICA

Малаххои галагӣ ва ғайригалагӣ ба соҳаи кишоварзӣ хатари ҷиддӣ доранд, чунки онҳо ба ҳамаи намудҳои зироатҳои кишоварзӣ ва растаниҳои ёбоӣ ҳамла мекунанд. Беҳтарин стратегияи мубориза бар зидди малах – стратегияи пешгирикунанда ба ҳисоб меравад, ки ҳадафи он гузаронидани мушоҳидаҳои мавзеъҳои зисту зиндагии малах дар давраҳои муҳими ҳаётии он, бо мақсади сари вақт ошкор намудани ҷамъшавии онҳо ва аксуламали зуд нишон додан мебошад. Дар ин сурат амалиёти мубориза бар зидди малах метавонад то замони афзоиши ҷиддии миқдори онҳо, вақте ки хатари мустақим ба майдонҳои кишт вуҷуд надорад, анҷом дода шавад.

Дар ҳоли ҳозир амалиёти мубориза бар зидди малах асосан бо истифода аз пеститсидҳои химиявӣ анҷом дода мешавад. Коргароне, ки дар ин ҷараён иштирок мекунанд, тавре омӯзиш дода шудаанд, ки ҳангоми анҷоми чунин фаъолиятҳо аз расонидани таъсири манфӣ ба саломатии одамон ва муҳити зист канораҷӯӣ кунанд ё онро то ҳадди ақал коҳиш диҳанд. Ҳангоми мубориза бо малах беш аз пеш инсектитсидҳое, ки сатҳи таҳдиди хатарашон поён аст, ба монанди ингибитори синтези хитин ва биопеститсидҳои махсус, ки маҳз ба малах таъсир мерасонанд ва ба дигар организмҳои сершумор таъсир намерасонанд, истифода мешаванд. Дар натиҷа муборизаи бар зидди малах самаранок ва ин амал барои муҳити зист боз ҳам амнтар мешавад.

Созмони озуқа ва кишоварзии СММ (ФАО) ба кишварҳои Қафқоз ва Осиёи марказӣ дар пешгирӣ намудани паҳншавии малах, инчунин анҷом додани амалиёти мубориза, ки барои саломатии одамон бехатар аст ва ба муҳити зист зарар намерасонанд, кумак мерасонад.

Тақвими мазкур асосан ба чораҳои бехатарӣ, ки бояд аз ҷониби аҳолии маскуни маҳалли паҳншавии малах андешида шаванд, дахл дорад. Он аз ҷониби ФАО бо кумаки молиявии кишвари Ҷопон ва Агентии Ҷопон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (JICA) бароварда шудааст [Лоиҳаи беҳтарнамоии мубориза бар зидди малах (GCP/INT/238/JPN)].

I8172TG/1/01.18